# ТАҚРИЗИ

**муқарризи холис ба диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниход гардидааст.**

Дар шароити замони муосир талаботи нав ба маҳорати касби омӯзгор, воситаҳои фаъолияти касбӣ инноватсионикунонӣ ва технологиякунонии раванди таҳсилот масъалаҳоеро ба миён мегузоранд, ки ҳаллии онҳо омодасозии заруриро аз макотиби олӣ талаб мекунад. Дар шароити муосири инкишофи ҷомеа муҳим аст, ки сатҳи донишҳо бо истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим дар омӯзгорони макотиби олӣ баланд бардошта шавад, зеро он самти асосии фаъолияти омӯзгориро муайян мекунад.

Масъалаи татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик ва олимони хориҷӣ омӯхтаву баррасӣ шудаанд. Таҳлили тадқиқотии олимон нишон медиҳад, ки ба истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим шумораи кофии корҳои илмӣ бахшида шудааст. Аммо масъалаҳои татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим дар фаъолияти омӯзгорони макотиби олӣ мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтаанд.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим дар фаъолияти омӯзгорони макотиби олиро муайян намудааст. Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо, диаграммаҳо) тасдиқ менамояд.

Ахмедова М.Ф. боварӣ дорад, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани шартҳои педагогии омодагии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим дар раванди таҳсилот, сифатҳои касбӣ самарабахш хоҳанд шуд. Тадқиқот беш аз 40 нафар омӯзгорони макотиби олӣ, 160 нафар донишҷӯёнро фаро гирифтааст, ки натиҷаҳои он таҳлилу хулосабарорӣ карда шудааст.

Қисмати аввали диссертатсия бо асосҳои илмӣ – назариявии масъалаи татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бахшида шудааст, ки дар он татқиқотҳои илмии психологӣ – педагогӣ, заминаҳои

барномавӣ – методии таълиму тарбиявии макотиби олӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст

Қисмати дуюми кори таткиқотиро асосан ташкилу баргузорӣ ва таҳлилу натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ ташкил намудааст.

Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониши омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодабарии технологияи инноватсионии муосири таълим, ки самти асосии ташаккули мутахассисони соҳибкасб маҳсуб меёбад, хеле муҳим аст. Аз ҷониби муаллиф нуқтаҳои асосии навгонии илмӣ хеле хуб нишон дода шуда, дар он мафҳуми технологияи инноватсионии таълим мушаххас карда шуда, модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ бо истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия карда шуда, шартҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим муайян карда шудаанд.

Дар ҷалвалҳои 13, 14, 16 маълумоти қиёсии натиҷаҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ оварда шудаанд.

Диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат хеле пурмазмун таълиф гардида, дар маҷмӯъ натиҷаҳои кори тадкиқотии муаллифро инъикос карда метавонад. Аз натиҷаи диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бо як усусли хос бо овардани санадҳои мӯътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст. Ҳамчунин, зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро низ баён кардааст.

Бо вуҷуди аз ҷиҳати илмию амалӣ хеле возҳ таълиф намудани диссертатсия баъзе норасоиҳое низ ба чашм мерасад, ки дар зер онҳоро зикр хоҳем кард:

1. Азбаски дар мундариҷаи диссертатсия корҳои озмоишӣ – амалӣ дида мешаванд, хуб мешуд, ки намунаҳои корҳои иҷрокардаи донишҷӯён дар замимаҳо оварда шаванд, ки ин далели корҳои иҷрогардида мебошад.

2. Хуб мешуд, ки дар қисмати назариявии кор (хусусан дар боби якум) таҳлили асарҳои олимони ватанӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд, бештар дода мешуданд.
3. Ба назари мо овардани баъзе таҷрибаи дигари макотиби олии кишвар барои муқоиса намудан ва муайян кардани камбудиҳои вуҷуддошта дар ҳалли муаммои таҳқиқшаванда мусоидат менамуд.
4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои китобат (ниг. ба саҳ.4, 15, 17, 28, 31, 32, 45, 48) ба назар мерасанд, бояд таҳрир карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, эрод ва камбудиҳои ҷойдошта мазмуни илмӣ ва дастовардҳои муаллифи диссертатсияро кам намегардонад ва онҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Хулоса, тадқиқоте, ки Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои пешбурдани раванди таҳсилот боз як кори тадқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Тавре, ки аз рӯйихати таълифоти Ахмедова М.Ф., бармеояд, доир ба мавзӯи тадқиқотӣ 1 дастури таълимӣ, 20 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ин миқдор мақолаҳо 5 – тоаш дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори тадқиқотии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад.

Аз тарафи диссертант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Ба он натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқат ба ихтисосҳои ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад.

Дар умум автореферат ва диссертатсияи Ахмедова М.Ф. ба талаботи Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

оиди тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва бо ба ҳисоб гирифтани пешниҳоди баёншуда ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири кафедраи педагогикаи умумии
МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Ш.И.

*Имзои Ш.И.Кучибоев -ро тасдиқ мекунам:*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров»* *Наврӯзов Э.*

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1., Тел.(+992)927474115. Почтаи электронӣ: univer.81@mail.ru